Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-063
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5)

ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзуи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.12 – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ)

1. Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ), аз ҷумла: 1. Рушди асосҳои назариявӣ ва методологии сайёҳӣ ва консепсияҳои асосии иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ; 2. Ҷанбаҳои методии рушди фаъолияти хоҷагидорию иқтисодии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ва меҳмондорӣ; 5. Такмили шаклҳои ташкилию иқтисодии идоракунӣ дар соҳаи сайёҳӣ; 10. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти корхонаҳо, ташкилотҳо ва комплексҳо дар соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия. Таносуби фишангҳои бозорӣ ва давлатӣ дар рушди соҳаҳо ва комплексҳои соҳаи сайёҳӣ; 15. Самарнокии иҷтимоию иқтисодӣ ва сифати хизматрасонии аҳолӣ дар соҳаи сайёҳӣ. Механизмҳои баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ; 20. Самтҳои асосӣ ва омилҳои рушди сайёҳии дохилӣ, воридшаванда ва хориҷшаванда мутобиқат дорад.

2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ

Дар шароити муосир рушди сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми диверсификатсияи иқтисоди миллӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ аҳаммияти зарури пайдо намуда истодааст. Ҷумҳури Тоҷикистон бо мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ, захираҳои бойи табиӣ, манзараҳои кӯҳӣ, гуногунии иқлим, анъанаҳои миллӣ ва имкониятҳои васеи кишоварзӣ дорои заминаи муносиб барои рушди намудҳои гуногуни сайёҳӣ мебошад. Дар ин замина, сайёҳии аграрӣ метавонад ҳамчун яке аз самтҳои ояндадори рушди сайёҳии устувор баромад намояд.

Мубрамияти рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ба зарурати истифодаи самараноки захираҳои

табиӣ ва иқтисодии деҳот вобаста мебошад. Қисми зиёди аҳолии кишвар дар минтақаҳои деҳот зиндагӣ карда, соҳаи кишоварзӣ барои таъмини даромад ва шуғли онҳо нақши муҳим дорад. Ҷалби хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои хурди аграрӣ ва аҳолии маҳаллӣ ба фаъолияти сайёҳӣ метавонад барои зиёд намудани манбаъҳои даромад ва беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодии деҳот мусоидат намояд.

Рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳамчун воситаи пайвастани манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва фарҳангӣ баромад намояд. Ин самт на танҳо барои зиёд намудани даромади аҳолии деҳот ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, балки барои рушди минтақаҳо, ҳифзи захираҳои табиӣ, нигоҳдории анъанаҳои миллӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти калон дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши илмӣ ва таҳияи роҳҳои самараноки рушди устувори сайёҳии аграрӣ яке аз масъалаҳои мубрами рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ба ҳисоб меравад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд

Дараҷаи навгонии илмии диссертатсия аз ташаккул додани муқаррароти назариявӣ, такмили равиши баҳодиҳӣ ва асоснок намудани маҷмуи тавсияҳои ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ иборат мебошад. Натиҷаҳои асосии дорои унсурҳои навгонии илмӣ чунинанд:

- таҳлилу такмили асосҳои назариявии сайёҳии аграрӣ ҳамчун самти нисбатан нав дар рушди минтақаҳои деҳот, аз ҷумла равшан намудани моҳияти мафҳуми «сайёҳии аграрӣ», муайян намудани сохтор ва унсурҳои механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, инчунин, асоснок намудани равишҳои методии таҳияи стратегияҳои рушди минтақавӣ анҷом дода шудааст;

- коркарди усул ва меъёрҳои арзёбии сатҳи рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва захиравии онҳо амалӣ гардидааст, ки дар қиёс бо усули маъмул имкон медиҳад, ки шароити махсуси рушди сайёҳии аграрӣ тавассути маҷмуи нишондиҳандаҳо ба ҳисоб гирифта шуда, равиши методии минтақабандӣ, таснифоти минтақаҳо аз рӯйи сатҳи ҷаззобияти инноватсионӣ барои рушди сайёҳии аграрӣ асоснок ва пешниҳод карда шуда, ҳамзамон, усули асоснокии техникию иқтисодии лоиҳаҳои ташкили объектҳои моделии сайёҳии деҳот, муҳосибаи талабот ба сармоягузорӣ, нишондиҳандаҳои самаранокии лоиҳаҳо бо

дарназардошти сатҳи ҷаззобияти инвеститсионии сайёҳии аграрӣ дар минтақа таҳия ва муайян карда шуданд;

- равишҳои арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот бо дарназардошти манфиатҳои давлат, корхонаҳои кишоварзӣ, сокинони деҳот ва сайёҳон муайян карда шуданд. Таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ барои хизматгузории сайёҳон ва расонидани хидматҳои иловагӣ, инчунин даст ёфтани корхонаҳои кишоварзӣ ва аҳолии деҳот ба манбаъҳои иловагии даромад асоснок карда шуд;

- дар коркарди тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, ки рушди муҳити ниҳодии онро дар вилоят, дигаргунсозии сохтори назариявии низоми дастгирии субъектони соҳа ва асоснокии пешниҳодҳо барои такмили онро пешбинӣ мекунанд.

Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда

- исбот карда шудааст, ки мафҳуми «сайёҳии аграрӣ» дар инкишоф додани асосҳои назариявии сайёҳии аграрӣ, ҳамчун намуди нав дар минтақаҳои деҳот ва таркиби механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, инчунин асоснок намудани равиши методии таҳияи стратегияи рушди минтақа;

- ошкор гардидааст, ки ба эътибор гирифтани нишондиҳандаҳои асосии рушди сайёҳии аграрӣ, таҳияи маҷмуи методҳои баҳодиҳии устувории он ва асоснок намудани равиши илмии минтақабандӣ, инчунин гурӯҳбандии ҳудудҳо мувофиқи дараҷаи ҷаззобияти инноватсионии онҳо барои рушди сайёҳии аграрӣ, инчунин таҳияи усули асоснокии техникию иқтисодии лоиҳаҳои ташкили объектҳои моделии сайёҳии деҳот ва талабот ба сармоягузорӣ, инчунин нишондиҳандаҳои самаранокии лоиҳаҳо бо дарназардошти сатҳи ҷаззобияти инвеститсионии сайёҳии аграрӣ аҳаммияти махсус дорад;

- муайян карда шудааст, ки равишҳои арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот бо дарназардошти манфиатҳои давлат, корхонаҳои кишоварзӣ, сокинони деҳот ва сайёҳон, инчунин асоснок кардани таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ барои хизматгузории сайёҳон ва расонидани хидматҳои иловагӣ, инчунин, даст ёфтани корхонаҳои кишоварзӣ ва аҳолии деҳот ба манбаъҳои иловагии даромад;

- собит шудааст, ки коркарди тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, ки рушди муҳити ниҳодии сайёҳии аграрӣ дар вилоят, инчунин

дигаргунсозии сохтори назариявии низоми дастгирии субъектони соҳа ва асоснокии пешниҳодҳо барои такмили онро пешбинӣ мекунанд.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида ба истифодаи заминаҳои назариявию методологии соҳаи сайёҳӣ ва натиҷаҳои таҳлили ҳамаҷонибаи равандҳои ташаккул ва рушди инфрасохтори сайёҳии аграрӣ асос меёбанд. Дар раванди тадқиқот асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба назария ва амалияи соҳаи сайёҳии аграрӣ, инфрасохтори он, дастгирии давлатии фаъолияти сайёҳӣ ва рушди он дар деҳот мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Барои таъмини эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот маълумоти расмии омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ вобаста ба самти мазкур, инчунин маълумоти мақомоти дахлдори давлатӣ аз ҷумла маълумоти омории Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардидаанд. Ҳангоми тадқиқ усули таҳлили иқтисодӣ ва оморӣ, муқоисавӣ, системавӣ, монографи, гурӯҳбандӣ, индуксия ва дедуксия, инчунин усули таҳлили динамика ва сохтор истифода шудаанд. Баҳодиҳии ҳолати муосири инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили нишондиҳандаҳои асосии рушди он ба муаллиф имкон додааст, ки тамоюлҳои мусбат, мушкилоти мавҷуда ва омилҳои таъсиррасон ба рушди сайёҳии аграрӣ муайян карда шаванд.

Хулосаҳои илмии диссертатсия дар асоси натиҷаҳои таҳлилҳои назариявӣ, методологӣ ва таҷрибавӣ ташаккул ёфта, бо мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи тадқиқот мувофиқат менамоянд. Аз тавсияҳои пешниҳодшудаи натиҷаҳои тадқиқот бармеоянд ва ба такмили механизмҳои ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ ва баланд бардоштани самаранокии дастгирии давлатии соҳаи сайёҳӣ равона шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот, инчунин тавассути истифодаи маълумоти расмии оморӣ дар давраи тадқиқот, муқоисаи нишондиҳандаҳо дар динамика ва санҷиши натиҷаҳои таҳлилӣ таъмин карда шудааст. Пешниҳодҳои илмӣ ва амалии таҳияшуда метавонанд ҳангоми такмили сиёсати давлатӣ дар самти дастгирии соҳаи сайёҳӣ, таҳияи барномаҳои рушди деҳот ва такмили фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ истифода шаванд. Ҳамин тариқ, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия бо заминаи кофии назариявию методологӣ, истифодаи маълумоти расмӣ, татбиқи усули мувофиқи

тадқиқоти иқтисодӣ ва мутобиқати натиҷаҳои бадастомада ба мақсад ва вазифаҳои тадқиқот таъмин мегардад.

5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия

Сохтори кори диссертатсионӣ гузориши мақсад ва алоқамандии онро тасдиқ мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт аз 171 номгӯй иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 220 саҳифа буда, 29 ҷадвал ва 7 расмро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи азхуд намудани масъалаҳои илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва усули тадқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми тадқиқоти диссертатсионӣ «Асосҳои назариявию методии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот» моҳият ва хосиятҳои асосии сайёҳии аграрӣ шарҳ дода шудааст, ки ба ақидаи диссертант сайёҳии деҳотӣ (агросайёҳӣ) яке аз бахшҳои соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб рафта, ташаккули маҳсулоти мураккаби сайёҳиро дар асоси истифодаи захираҳои табиӣ, таърихию фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва дигар иқтидорҳои маҳалҳои деҳот таъмин менамояд. Ҳама шаклҳои фаъолияти солимгардонӣ ва фароғатӣ, ки дар муҳити деҳот амалӣ мегарданд, ҳамчун унсурҳои таркибии сайёҳии аграрӣ баррасӣ мешаванд (саҳ. 12). Дар баробари ин, барои шарҳ ва муайянкунии мафҳуми сайёҳии аграрӣ диссертант корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мавриди омӯзиш қарор додааст, мисол, ба ақидаи Исмоилов И.М., Расулова З.О. ва Азамова З.И. чунин изҳор намудаанд: «...сайёҳии аграрӣ (агросайёҳӣ) - як намуди сайёҳиест, ки дар деҳот сурат мегирад ва он омӯзиши захираҳои сайёҳии маҳаллиро таъмин менамояд, иштироки сайёҳонро дар чорабиниҳои гуногуни анъанавӣ, инчунин ҷойгиркунӣ ва ташкили хӯроки сайёҳонро дар сохторҳои мушаххаси сайёҳӣ дар пансионатҳои сайёҳӣ, пансионатҳои агросайёҳӣ, хоҷагиҳои деҳконӣ ва ғайраро дар бар мегирад» (саҳ. 14); дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» аз 7 - уми августи соли 2020, №1717 чунин омадааст: «Сайёҳии аграрӣ (агросайёҳӣ) – саёҳат ба деҳот бо мақсади шиносоӣ бо вазъ ва тарзи зиндагӣ, ҳамчунин урфу одат ва анъанаҳои миллӣ дар маҳал мебошад». Чунин усул ба диссертант имконият додааст, ки мафҳуми сайёҳиро дар асарҳои илмӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ ҷустуҷӯ намуда ақидаи худро оид ба мафҳуми сайёҳии аграрӣ пешниҳод намояд (саҳ. 18) ва намудҳои сайёҳии аграриро дар шакли нақша пешниҳод намояд (саҳ. 15).

Дар рафти тадқиқот диссертант оид ба омилҳои таъсиррасон ба рушди сайёҳии аграрӣ корҳои тадқиқотиро ба роҳ монда, омилҳоро дар шакли саҳҳеҳ омӯхтааст, ки ин барои ҳалли мушкилии муайян гаштаи тадқиқоти диссертатсионӣ муфид мебошад. Омилҳои таъсиррасонро дар шакли ҷадвал оварда ба шаш гурӯҳи калон ҷудо намудааст (саҳ. 37), ки имконияти таҳияи лоиҳаҳои рушди устувори сайёҳии аграриро дар деҳот фароҳам оварда, баҳогузории омилҳои таъсиррасонро осон менамояд. Чи тавре, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 баён намуданд, ки: «Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин, муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Кишвари мо дорои имкониятҳои васеъ аз ҷиҳати минтақаҳои сайёҳӣ буда, истифодаи самараноки он боиси болоравии сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ хоҳад шуд». Бо ҳамин асос, барои фароҳам овардани заминаҳои мусоиди рушди иҷтимоию иқтисодии сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот ва инчунин таъмин намудани фаъолияти самараноки истеҳсолоти агросаноатӣ дар ҳудудҳои деҳотии ҷумҳурӣ, маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Ин санадҳо механизмҳои рушди соҳаи сайёҳиро дар доираи сиёсати умумии иҷтимоию иқтисодии давлат муайян ва танзим намуда, самтҳои афзалиятнок, шаклҳо ва усули дастгирии институти сайёҳиро муқаррар месозанд, пайваста ба ин диссертант маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шакли ҷадвал (саҳ. 41) вобаста ба солҳо овардааст, ки ин барои омӯхтани имкониятҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хело зарур мебошад.

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ анъанаи рушди сайёҳии аграрӣ дар давлатҳои хориҷӣ мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Дар доираи сиёсати фаъол оид ба густариши ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва тақвияти ҷараёнҳои сармоягузорӣ, аз 1 январи соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаҳрвандони 52 давлати хориҷӣ реҷаи яктарафаи воридшавии бидуни раводид мавриди амал қарор дода шуд. Ин иқдом ҳамчун воситаи муҳиммми либерализатсияи муҳити сайёҳӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии байналмилалии кишвар дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ баррасӣ мегардад. Илова бар ин, барои шаҳрвандони 126 давлати хориҷӣ низоми содакардашудаи гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Дар чунин шароит, таъмини самаранокии татбиқи ин тадбирҳо аҳаммияти махсус пайдо менамояд, ки омӯзиши

таҷрибаи хориҷӣ аз тарафи диссертант барои рушди соҳа бамаврид мебошад. Диссертант дар тадқиқоти илмии худ моделҳои рушди сайёҳии аграриро вобаста ба давлатҳо ҷудо намуда (саҳ. 65) мувофиқи онро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намудааст.

Умуман қайд намудан мумкин аст, ки боби якуми диссертатсия аз тарафи диссертант дар ҳадди кофӣ омӯхта шуда, вазифаҳои гузошта шуда дар ин боб ҳалли худро ёфтаанд.

Дар боби дуюм «Арзёбии рушди ташкилӣ - иқтисодии сайёҳии аграрӣ дар деҳоти вилояти Хатлон» (саҳ. 81) асосҳои ташкилӣ - иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот мавриди омӯзиш қарор дода шуда, инчунин дар рафти тадқиқот диссертант теъдоди корхонаҳои кишоварзӣ аз рӯйи шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ дар вилояти Хатлон мавриди тадқиқ қарор додааст, ки ин барои муайянкунии иқтидори сайёҳии аграрии минтақа муфид мебошад. Натиҷаҳои омӯзиши диссертатсия нишон медиҳанд (саҳ. 94), ки пеш аз бунёд ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ, ташаккули фарҳанги сайёҳӣ ва тафаккури соҳибкории сокинони деҳот аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Дар акси ҳол, рушди сайёҳии аграрӣ самаранок нахоҳад буд. Консепсияи анъанавии меҳмоннавозӣ, ки бар пояи ақидаи «меҳмон фиристодаи Худост» шакл гирифтааст, дар баъзе ҳолатҳо ба тиҷоратӣ гардондани хизматрасониҳои сайёҳӣ монеа эҷод менамояд. Ба ибораи дигар, сокинони деҳот ҳар сайёҳро пеш аз ҳама ҳамчун мусофир қабул мекунанд ва хизматрасонӣ ба ӯро на ҳамчун манбаи даромад, балки ҳамчун амали хайр мешуморанд.

Дар рафти тадқиқот диссертант сабабҳое, ки ба рушди сайёҳии аграрӣ таъсири мустақим ё ғайримустақим мерасонанд дар шакли ҷадвал оварда, монеаҳо ва бартариятҳоро баррасӣ намудааст (саҳ. 97). Бояд қайд намуд, ки ба рушди сайёҳии аграрӣ на танҳо ташкили пойгоҳи иҷтимоии дахлдор, балки заминаҳои иқтисодӣ низ мусоидат мекунанд. Дар ин марҳилаи рушди соҳаи кишоварзӣ сайёҳӣ василаи наҷот аст, он боиси ихтисори бекорӣ дар деҳот, афзудани тақозо ба маҳсулоти кишоварзӣ мегардад, ки робита ба ин аз тарафи диссертант равишҳои рушди сайёҳӣ дар шакли нақша оварда шудааст (саҳ. 98).

Диссертант дар идомаи тадқиқот дар боби дуюм масъалаи иқтидори захиравии вилояти Хатлонро дар соҳаи рушди сайёҳии аграрӣ дида баромадааст (саҳ. 102), ки муайянкунии иқтидори сайёҳии аграрӣ яке аз масъалаҳои муҳимми диссертатсия ба ҳисоб рафта хело бамарид мебошад. Чи тавре маълум аст, сайёҳии аграрӣ, хусусан дар шароити татбиқи барномаҳои мақсадноки рушд, ба ҳифзу рушди маҳалҳои деҳот, истифодаи оқилонаи иқтидори захиравии он таъсири иловагӣ расонида,

ба рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ мусоидат намуда, тақозоро ба маҳсулоти ғизоии аз ҷиҳати экологии тоза зиёд мекунад. Ҳамзамон, рушди ин раванд ба ободонӣ ва беҳсозии маҳалҳои деҳот, фаъол гардидани сохтмони манзил, эҳё ва густариши ҳунарҳои мардумӣ, таҳкими арзишҳои фарҳангиву маънавӣ мусоидат менамояд. Дар маҷмуъ, он ба ҳалли фарогири масъалаҳои асосии деҳот, пеш аз ҳама мушкилоти таъмини шуғли аҳолии деҳот, таъсири мусбат мерасонад. Пасйваста ба ин диссертант таҳлили SWOT-ро дар бахши сайёҳии аграрӣ гузаронидааст (саҳ. 103), ки ин барои баҳогузории самтҳои пурқувватӣ, заифӣ, имкониятҳо ва хатарҳои мавҷудаи рушди сайёҳии аграрӣ дар шароити деҳот зарур мебошад. Таҳлили SWOT нишон додааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, бе гумон, аз захираи бойи табиию рекреатсионӣ барои рушди сайёҳии аграрӣ бархурдор аст. Аммо мушкилоти комплексӣ дар самти рушди ин намуди сайёҳӣ вуҷуд доранд, ки хеле тезутунд ва мунтазам мебошанд. Миқдори мушкилот аз заминаҳои рушди пайдарпайи ин самти бозори сайёҳӣ ба маротиб бештар аст. Барои ҳалли онҳо равиши нав ва усули барномарезии мақсаднок лозим аст, ки имкони такмили рақобатпазирии манотиқи деҳот, қонеъ намудани талаботи рӯзафзун ба хизматрасонии хушсифати сайёҳӣ ва таъмини шароити рушди устувори сайёҳӣ дар деҳотро муҳайё мекунад.

Корҳои тадқиқотиро дар идомаи тадқиқот диссертант вобаста ба шаклҳои ҳозираи корхонаҳои сайёҳии аграрӣ ва омилҳое, ки монеи рушди сайёҳӣ дар маҳали деҳот мешаванд идома додааст (саҳ. 121). Дар тадқиқоти илмӣ диссертант самти афзалиятноки рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар ба шаш самт ҷудо намуда (саҳ. 127), вобаста ба ноҳияҳои минтақаи Хатлон гурӯҳбанди намудааст, ки ин барои амалинамонии мақсади тадқиқоти илмӣ ва иҷроиши вазифаҳои гузошта шуда зарур мебошад. Инчунин, барои таҳияи стратегия ва банақшагирии рушди сайёҳии аграрӣ, аз тарафи диссертант хатарҳои соҳаи сайёҳии аграрӣ дар шакли ҷадвал (саҳ. 133) оварда шудааст, ки таъсири онҳо ба деҳот калон мебошад.

Умуман қайд намудан мумкин аст, ки дар боби дуюм маъсалаҳои муҳим ҳалли худро ёфта, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд.

Дар боби сеюми тадқиқоти илмӣ масъалаи дурнамо ва самтҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳоти вилояти Хатлон (саҳ. 139) баррасӣ гашта, самтҳои дурнамо ва моделҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот муайян шудаанд. Дар тадқиқоти илмӣ диссертант мавзеъҳои таърихию фарҳангии вилояти Хатлонро муайян намуда, роҳҳои такмили имкониятҳои онҳоро баҳри рушди сайёҳи аграрӣ муайян менамояд, ба

ақидаи диссертант нишонаҳои ибтидоии ташаккули фаъолияти сайёҳии аграрӣ бештар дар минтақаҳои деҳот, воқеъ дар наздикии объектҳои маъруфи сайёҳӣ ва зиёратӣ ба назар мерасанд (саҳ. 142). Дар баъзе маҳалҳои деҳот сокинон бо пардохти музди муайян сайёҳонро дар манзилҳои шахсии худ ҷойгир менамоянд. Инчунин, дар тадқиқот диссертант дурнамои рушди устувори сайёҳии ноҳияҳои вилояти Хатлонро дар шакли ҷадвал оварда (саҳ. 143), элементҳои онро баррасӣ менамояд. Дар рафти тадқиқот диссертант афзалиятҳои асосии сайёҳии аграрӣ дар сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ дар шакли натиҷаҳои зерин ифода менамоянд: а) кам гардидани сатҳи бекорӣ ва фароҳам омадани имкониятҳои воқеӣ барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар деҳот; б) афзоиши даромади хонаводаҳои деҳотӣ ва беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолӣ бо ҷалби ҳаҷми нисбатан маҳдуди захираҳои молиявӣ; в) болоравии сатҳи ободонӣ ва рушди инфрасохтори маҳаллӣ, аз ҷумла инфрасохтори муҳандисӣ ва иҷтимоӣ дар маҳалҳои аҳолинишин; г) фаъолшавии соҳибкории хурд ва ташаккули манбаъҳои устувори худшиносии иқтисодӣ дар муҳити деҳот, инчунин ҷаззобияти экологии маҳалҳои деҳот ва ғайра.

Самаранокии иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот, яке аз масъалаҳои муҳим буда, дар тадқиқоти илмии мазкур нақши калон дорад (саҳ. 163). Дар тадқиқоти илмӣ барои рушди сайёҳии аграрӣ ҳадафҳои зерин муайян карда шудааст, аз ҷумла ҳадафҳои иқтисодӣ, яъне ба даст овардани фоида аз ҷониби корхонаи сайёҳии аграрӣ ва ҳадафҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ пеш аз ҳама ба бартараф намудани ақибмонии рушди деҳот, коҳиш додани зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ, ҳифз ва то ҳадде эҳёи мероси фарҳангӣ равона мегарданд (саҳ. 164). Дар диссертатсия аз тарафи диссертант таъсиррасонии сайёҳии деҳотӣ ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти деҳот дар шакли ҷадвал баҳогузорӣ шудааст, ки ин барои таҳияи стратегияи рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот зарурӣ ба ҳисоб меравад (саҳ. 165). Бояд қайд кард, ки корхонаи сайёҳии аграрӣ барои истифодаи самараноки амволи худ чораҳои мувофиқ андешад. Бо ин мақсад диссертант, афзоиши талабот ба хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ татбиқи як қатор тадбирҳои самаранокро пешниҳод намудааст (саҳ. 174), ки ин барои рушди корхонаҳои самти сайёҳӣ муфид мебошад.

Дар тадқиқоти илмӣ аз тарафи диссертант масъалаи такмилдиҳии танзим ва дастгирии давлатии сайёҳии аграрӣ дар деҳот мавриди баррасӣ ва тадқиқи илмӣ қарор дода шуда, заминаҳои асосӣ ва пояи меъёрӣ-ҳуқуқии танзими соҳаи сайёҳӣ муайян карда шудааст (саҳ. 178-180).

Умуман вазифаҳои гузошташуда дар боби сеюм ҳалли худро дар рафти тадқиқот ёфтаанд.

Дар **хулоса** натиҷаҳои илмии диссертатсия иборат аз 5 банд ва тавсияю пешниҳодҳои мушаххас барои ҳалли муаммоҳои дар диссертатсия баррасӣ гашта дар 10 банд асоснок карда шудааст.

6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия

Аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар рушди заминаҳои назариявию методологии тадқиқи ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Дар доираи тадқиқот моҳияти иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ мушаххас гардида, сохтор ва унсурҳои асосии он муайян карда шуда, муносибати системавӣ ба арзёбии сатҳ ва самаранокии рушди сайёҳии аграрӣ пешниҳод мегардад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои тадқиқоти минбаъда дар самти сайёҳӣ ва рушди бахшҳои алоҳидаи он истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии тадқиқот дар ин аст, ки нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳо дар шакли тавсияҳои мушаххасе дарҷ гардидаанд, ки онҳоро мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ метавонанд барои такмили механизми танзим ва дастгирии рушди сайёҳии аграрӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии иқтисоди миллӣ ва беҳинасозии сифати зисти аҳолии деҳот истифода кунанд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия бо имконияти истифодаи онҳо барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои сайёҳӣ, беҳтар намудани шароити аҳолии деҳот, коҳиш додани хароҷоти амалиётӣ ва тақвияти рақобатпазирии тиҷорати сайёҳӣ алоқаманд мебошад. Татбиқи пешниҳодҳои тадқиқотӣ метавонад барои рушди сайёҳии аграрӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли молу хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, васеъ намудани манбаи даромадҳои буҷети маҳаллӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ мусоидат намояд.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия пеш аз ҳама дар мусоидат ба рушди шуғл, баланд гардидани имкониятҳои иқтисодию фарҳангии аҳолии деҳот дар вилояти Хатлон дар умум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Тақвияти хоҷагиҳои деҳқонӣ метавонад барои фароҳам овардани шароити мусоидтар ҷиҳати таъсиси корхонаҳои нав, рушди соҳибкории хурду миёна ва ҷалби аҳолӣ ба фаъолияти сайёҳӣ замина гузорад. Дар ин замина, рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун яке аз омилҳои мусоидаткунанда ба коҳиши маҳдудиятҳои

иқтисодӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот баромад менамояд.

7. Нашри натиҷаҳои тадқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия

Натиҷаҳои асосии илмӣ, муқаррароти назариявӣ ва хулосаҳои алоҳидаи тадқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмии муаллиф оид ба моҳияти сайёҳии аграрӣ, унсурҳои он, вазъи таъминоти инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳои деҳот ва самтҳои такмили рушди фаъолияти сайёҳӣ инъикос гардидаанд. Оид ба мавзуи диссертатсия 10 кори илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шудаанд.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, камбудиҳои оморӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар тадқиқоти илмӣ заминаҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлон саҳҳеҳ тадқиқ нагардидаанд, хуб мешуд заминаҳои институтсионалӣ ва сиёсӣ баҳогузорӣ мешуд.

2. Нишондиҳандаҳои омории пешниҳодгардидаи ҷадвали 2.2.4 дар тадқиқоти илмӣ шубҳа эҷод менамояд, мисол, шумораи меҳмонхонаҳо (саҳ.110) дар вилояти Хатлон ба 125 адад баробар оварда шудааст, ки дар умум дар ҷумҳурӣ дар соли 2024 ҳамагӣ 216 ададро ташкил медод.

3. Дар тадқиқоти илмӣ модели баҳогузории иқтидори сайёҳии ноҳияҳо (саҳ.114) оварда шудааст, ки мувофиқи вазифаҳои гузошташуда хуб мешуд дар мисоли ноҳияҳои вилояти Хатлон татбиқ мегардид. Инчунин, хуб мешуд таҳлили индикаторҳо аз рӯйи модели овардашуда дар мисоли аниқ дида мешуд.

4. Дар тадқиқоти илмӣ шаклҳои кунунии корхонаҳои сайёҳӣ пурра омӯхта нашудааст, хуб мешуд анъанаи рушди онҳо ва ба ин монанд масъалаҳо баҳогузорӣ мегардид.

5. Дар тадқиқоти илмӣ дурнамои рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот начандон ба мақсад мувофиқ аст, хуб мешуд дар дурнамо натиҷаҳо дар шакли аниқ (ҳисобҳои математикию оморӣ) нишон дода мешуд, инчунин дар диссертатсия самаранокии иқтисодии сайёҳии аграрӣ дар

минтақаҳои вилояти Хатлон пурра ҳисоб карда шуда, ҳиссаи он дар ММД минтақа нишон дода мешуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзуи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12 – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ
н.и.и. м/к кафедраи менеҷмент
ва маркетинги ДМТ
06-уми октябри соли 2026 Махкамзода Фурқат Фозил

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
хиёбони Рудакӣ, бинои 17,
Тел.: (+992) 918181744
E-mail: max.furkat@mail.ru

Имзои Махкамзода Ф.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.